# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Файзова Таҳмина Иззатуллоевна дар мавзуи «Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2024. – 173 саҳ.**

Соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва беш аз пеш густариш ёфтани робитаҳои дипломатӣ байни Тоҷикистон ва кишварҳои дигари ҷаҳон талаб менамояд, ки ҳангоми риояи одоби муошират аз ҳамаи имкониятҳои забон ба таври босамар истифода ба амал ояд ва ҳамон шеваи мақбули муошираткy самимият, ки дар забони пешиниёни мо мавҷуд буд, дар ҳама соҳаҳои ҳаёт дубора эҳё гардад.

Шоистаи таъкид аст, ки солҳои охир таваҷҷуҳи забоншиносон дар баробари ҷанбаҳои луғавӣ ва сохтории забони тоҷикӣ ба масъалаҳои иртиботии забон ва нутқ равона гардида, паҳлуҳои норавшани ҳусни баён ва одоби муошират ба риштаи таҳқиқ кашида мешаванд ва шохаи нави забоншиносӣ – забоншиносии мухобиротӣ дар кишвари мо арзи андом мекунад. Нақши назарраси фарҳанги муошират дар фаъолияти ҳамарӯза, камтаҳқиқ будани мавзуи одоби муошират ва рукни муҳимми он – одоби муҳоварат афзалияти самти интихобкардаи таҳқиқи унвонҷӯро таъкид менамояд. Аксар вақт номуътаъдилӣ дар муносибати байни одамон аз надонистани одоби муошират ба миён меояд. Дар робита бо ин диссертатсияи номзадии Файзова Таҳмина Иззатуллоевна дар мавзуи «Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)», ки ба яке аз масъалаҳои мубрами одоби муошират ва ҳусни баён бахшида шудааст, мавзуи арзишманд ба шумор меравад ва муаллифи рисола тавонистааст, ки масъалаи пешгузоштаи худро моҳирона матраҳ ва бо маводи сершумор асосонок намояд. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз мавзуъҳо ва масъалаҳои пажуҳишиест, ки ба самти забоншиносӣ ва шиносномаи

ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ **комилан мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи диссертатсия**и Файзова Таҳмина Иззатуллоевна пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки дар илми забоншиносии тоҷик аввалин таҳқиқест, ки ба мавзуи одоби муошират ва таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ бахшида шуда, дар заминаи маводи асарҳои нависандаи маъруфи тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиев сурат гирифтааст, ки ин осор бегумон инъикоскунандаи тамоюлҳо ва меъёрҳои забонии одоби муошират асри XX мебошад. Қайд кардан лозим аст, ки дар консепсияи бадеии нависанда тамоюлҳои ҷаҳонбинии фарҳангҳои мухталиф ба ҳам алоқамандии наздик доранд, ки ин хусусият дар аксари асарҳои ӯ мушоҳида мешавад. Муҳиммияти мавзуи таҳқиқро ҳамчунин вазъияти муосири сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон муайян мекунад, ки хусусиятҳои асосии он баланд шудани сатҳи худшиносии миллӣ, тағйироти муайяни арзишҳо ва тамоюлҳои ахлоқӣ, рӯ овардан ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги миллат мебошанд.

Самти илмие, ки мавзуи диссертатсияи мазкур дар сатҳи он баррасӣ гардидааст, яке аз қисматҳои муҳимми илми забоншиносии тоҷик аст, ки доираи васеи воҳидҳои коммуникативиро бо вазифаю маъноҳои махсус ва робитаҳои коммуникативии иштирокдорони ҷараёни муошират, роҳу усулҳои иртиботи онҳо аснои муошират ва муносибатҳои иҷтимоии шарикони коммуникативӣ фаро мегирад. Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсияи мазкур бори аввал воҳидҳои одоби муҳоварат дар заминаи матнҳои бадеии инъикоскунандаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар асри XX ҳамаҷониба таҳқиқ шуда, ҳолатҳои истифодаи воҳидҳои одоби муҳоварат вобаста ба омилҳои иҷтимоӣ, синнусолӣ, гендерӣ, инчунин имкониятҳои воситаҳои гуногуни

муоширати ғайризабонӣ муқаррар ва аз ҷиҳати сохторӣ, маъноӣ ва услубӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мегардад, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия масъалаҳои гуногун дар ҳамбастагӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, хулосаҳои мантиқии ба кор алоқаманд манзур гардидаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назариявӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки масоили илмӣ-назариявии дар кори диссертатсионӣ пешниҳодшуда, натиҷаҳои бадастомада, роҳу усулҳои корӣ ва интишорот ҳамчун намуна барои таҳияи рисолаҳои монанд метавонанд ёрӣ расонанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар таълими одоби муҳоварати тоҷикӣ, ҳамчунин дар таълими забони тоҷикӣ барои донишҷӯёни хориҷӣ кумак хоҳанд кард. Маводи рисола инчунин барои онҳое, ки ба таърих, фарҳанг, адабиёти ғанӣ ва гуногунҷанбаи Тоҷикистон, ба одоби муҳоварат таваҷҷуҳ доранд, метавонад муфид бошад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ аз он иборат аст**, ки натиҷа ва маводи амалии он дар фарҳангнигорӣ ҳангоми тартиб додани луғатҳои муаллифӣ, луғатҳои маъноӣ ва луғатномаҳои жанрҳои одоби муҳоварат, муҳовараҳо; дар мактабҳои олӣ дар курсҳои «Одоби муҳоварат», «Ҳусни баён», «Услубшиносӣ»; дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар ташаккули малакаҳои одоби муоширати хонандагон, ба дарки амиқи забони модарии онҳо ва инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ метавонад мусоидат кунад.

**Қисмати асосии таҳқиқ**. Диссертатсияи Файзова Таҳмина Иззатуллоевна аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри

таълифоти илмӣ дар мавзуи мавриди назар дар ҳаҷми 173 саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод гардидааст. Бобҳо ба масоили муҳимми илмӣ бахшида шуда, фаслҳои онҳо мазмуну муҳтавои бобҳоро ифода мекунанд. Равишҳои мувофиқи илмӣ зимни таҳқиқи масоили матраҳшаванда истифода шуда, дар бобҳо ва фаслҳо барои муайян шудани мақсади асосии кор мисолҳои фаровони илмию назариявӣ шоҳид оварда шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия чун анъана мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объекту мавзуи таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор мутобиқи талабот шарҳ ёфтаанд. Масоили пешниҳодшуда равшан ва мукаммал мебошад.

Кори диссертатсионӣ мақсаду вазифаҳои мушаххаси илмӣ дошта, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда барои муайян намудани ҷанбаҳои гуногуни воҳидҳои одоби муҳоварат дорои аҳаммияти хос мебошанд.

**Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии одоби муҳоварат»** ном дошта, аз шаш фасл иборат мебошад. Дар фаслҳои ин боб масоили марбут ба муошират ва навъҳои он, консепсияҳои хушмуомилагии лингвистӣ, ҷанбаҳои иҷтимоию лингвистии одоби муҳоварат, масъалаҳои одоби муҳоварат дар таҳқиқоти лингвистӣ, хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии одоби муҳоварати тоҷикӣ, семантикаи хушмуомилагӣ ва эҳтиром дар асарҳои Ф.Муҳаммадиев мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар фаслҳои ин боб дар заминаи таҳқиқоти анҷомдодаи донишмандони ватанию хориҷӣ хусусиятҳои таърихи таҳқиқи назария ва амалияи одоби муҳоварат баррасӣ гардида, аҳаммияти илмии он муайян карда шудааст. Ҷанбаҳои хушмуомилагии лингвистӣ, мафҳуми

истилоҳии он ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири одоби муҳоварат тавсиф гардидаанд.

Ҳамчунин, дар раванди омӯзиши одоби муҳоварат муҳиммияти ба назар гирифтани хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии меъёрҳои муошират таъкид гардида, дар сатҳи луғавӣ, сарфӣ ва наҳвӣ ифода ёфтани семантикаи хушмуомилагӣ ва эҳтиром дар асарҳои Ф.Муҳаммадиев бо мисолҳои мушаххас ва мантиқӣ муайян карда шудаанд.

**Боби дуюми диссертатсия «Воҳидҳои мурочиат дар системаи одоби муҳоварат»** номгузорӣ шуда, аз се фасл иборат мебошад. Ин боб яке аз бобҳои муҳимми кори диссертатсионӣ аст, зеро дар байни масъалаҳои одоби муҳоварат воҳидҳои мурочиат мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Дар ду фасли боби мазкур зимни таҳқиқи табиати коммуникативии воҳиди асосии мурочиат – мухотаб унвонҷӯ ҷанбаи наҳвии онро баррасӣ намуда, таъкид мекунад, ки як хусусияти муҳимми фарқкунандаи мухотаб аз дигар воҳидҳои одоби муҳоварат он аст, ки ягон гурӯҳи гунаҳои мавзуии одоби муҳоварат, ба мисли пазироӣ, хайрухуш, маъзарат хостан, хоҳишу дархост дар низоми сохтории воҳидҳои забон омӯхта намешавад. Мухотаб бошад, дар ин низом, аз ҷумла дар наҳв мавқеи муайянро ишғол менамояд. Дар корҳои забоншиносон мухотаб бештар аз нуқтаи назари наҳв таҳлил мегардад, аз лиҳози лингвистикаи коммуникативӣ бошад, мухотаб дар баъзе асарҳои махсус таҳқиқ карда шудаасту халос. Дар заминаи маводи фаровони роману повесту ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиев вижагиҳои иртиботӣ ва сохтори семантикии мухотаб ба таври шоиста таҳқиқ карда мешавад. Дар фасли навбатӣ унвонҷӯ ба қонуниятҳои истифодаи ҷонишинҳои шахсии "ту" ва "шумо" эътибор дода, мавқеи онҳоро дар системаи одоби муҳоварат муайян менамояд. Қобили қайд аст, ки дар асарҳои Ф. Муҳаммадиев ба кор бурда шудани ҷонишинҳои шахсии "ту" ва "шумо" вобаста ба синну сол, мавқеи иҷтимоӣ, мақому мартабаи адресат риоя гардида, ба мазмун ва мундариҷаи асари муайян иртиботи қавӣ дорад.

Аз таҳқиқи унвонҷӯ ба хулосае омадан мумкин аст, ки Ф.Муҳаммадиев дар асарҳои бадеияш аз забони персонажҳои гуногун шаклҳои зиёди воҳидҳои мурочиатро ба кор бурдааст, ки дар шароиту гунаҳои гуногун вобаста ба мавқеи иҷтимоӣ, синну сол, қаробат, муносибати хешутаборӣ, ҷинсият корбаст шуда, аксаран дорои семантикаи хушмуомилагӣ ва эҳтироманд.

**Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои услубии воҳидҳои одоби муҳоварат дар осори Ф. Муҳаммадиев»** аз ҳашт фасл иборат буда, ба таҳлилу таҳқиқи гурӯҳҳои асноӣ-мавзуии одоби муҳоварат бахшида шудааст. Дар фаслҳои ин боб унвонҷӯ меъёри таснифи гурӯҳҳои асноӣ-мавзуии одоби муҳоваратро муайян ва мавқеи иҷтимоии шарикони коммуникативиро дар таснифи воҳидҳои одоби муҳоварат таъкид намуда, ҳар як гурӯҳи воҳидҳои одоби муҳоваратро ба таври муфассал бо мисолҳои зиёд аз асарҳои Ф.Муҳаммадиев ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Аз ҷониби забоншиносон муқаррар гардидани силсилаи бемаҳдуди гурӯҳҳои одоби муҳоварат, аз қабили «Мурочиат ва ҷалби таваҷҷуҳ», «Пазироӣ», «Шиносоӣ», «Хайрухуш», «Узрхоҳӣ», «Миннатдорӣ», «Табрикот», «Таманниёт», «Хоҳишу дархост», «Таъзия», «Даъват», «Таклиф», «Маслиҳат», «Тасдиқ», «Тавсиф»-ро баррасӣ карда, унвонҷӯ қайд менамояд, ки асари бадеӣ вижагиҳои хос дошта, на ҳамаи гунаҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ дар шакли муколама оварда мешаванд. Аз ин рӯ, дар идомаи таҳқиқ воҳидҳои ифодакунандаи пазироӣ ва шиносоӣ воҳидҳои ифодакунандаи хайрухуш, воҳидҳои ифодакунандаи хоҳишу дархост, воҳидҳои ифодакунандаи миннатдорӣ, воҳидҳои ифодакунандаи узрхоҳӣ, воҳидҳои ифодакунандаи тавсиф таҳлил карда шудаанд. Аз таҳқиқ маълум мегардад, ки дар забони асарҳои Ф.Муҳаммадиев миқдори зиёди воҳидҳои одоби муҳоваратро воҳидҳои мурочиат ва воҳидҳои ифодакунандаи хоҳишу дархост ташкил медиҳанд.

**Хулосаи диссертатсияи** Файзова Таҳмина Иззатуллоевна фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 13 банд фароҳам омадаанд. Аз хулосаҳо маълум мегардад, ки

унвонҷӯ масъалаҳои матраҳшударо ҳазм намудааст ва онҳоро барои хонанда дуруст пешниҳод карда тавонистааст.

Доир ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯй 6 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки 4-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чоп шудаанд. Мақолаҳои интишоргардида мазмуну муҳтаво, натиҷаҳо ва нуктаҳои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Файзова Таҳмина Иззатуллоевна ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Мазмуну моҳияти диссертатсия ба мавзуи кори илмӣ мувофиқ мебошад ва аз тарафи унвонҷӯй мустақилона нигошта шуда, масъалагузориҳо дуруст ва пайи ҳам сурат гирифта, мантиқи муносиби илмӣ доранд. Масоили матраҳшуда хусусияти илмӣ дошта, дар онҳо навовариҳо дида мешаванд, услуби муносиби таҳқиқотӣ пайгирӣ шуда, пешниҳоду тавсияҳои амалӣ, масоили ба ҳимоя пешниҳодшуда, шарҳу тавзеҳи масъалаҳо, истифодаи осори илмӣ ва фарҳангномаҳо ба талабот ҷавобгӯ буда, гувоҳи саҳми хуби шахсии диссертант дар таҳқиқ ба шумор меравад.

Дар баробари дастовардҳои назаррас ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиб ва қобили таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Ба назари мо беҳтар мебуд, агар дар номи диссертатсия ибораи "асари бадеӣ" ба "насри муосир" иваз мегардид ва диссертатсия чунин ном мегирифт: "Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар насри муосир (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин

Муҳаммадиев)". Зеро ибораи "асари бадеӣ" мафҳуми нисбатан васеъ буда, метавонад ба ҳамаи давраҳои ташаккули забон тааллуқ гирад, вале мақсади асосии таҳқиқи унвонҷӯ дар диссертатсияи мавриди назар насри муосир мебошад.

2. Вақти он фаро расидааст, ки ҳангоми корбурди истилоҳоти забоншиносӣ бештар аз истилоҳоти тоҷикӣ истифодаи босамар ба амал оварда шавад. Масалан, ба ҷойи истилоҳи "семантикӣ" – "маъноӣ", "коммуникативӣ" – "мухобиротӣ", "система" – "низом", "лингвистӣ" – "забонӣ, забоншиносӣ", "прагматикӣ" – "амалгароӣ", "психологӣ" – "равоншиносӣ", "принсип" – "асл, усул", "методологӣ" – "равишомӯзӣ", "лексикӣ" – "луғавӣ, вожагонӣ", "морфологӣ" – "сарфӣ", "синтаксисӣ" – "наҳвӣ"...

Албатта, истилоҳоти ёдшуда ғолибан арабиасланд, вале ба табиати забони модарии мо ва қоидаҳои овоӣ ва дастурии он бештар мутобиқат доранд.

3. Дар диссертатсияи мавриди назар ҷо-ҷо такрори андеша ва печидагӯийию муғлақбаёнӣ ба мушоҳида мерасад (с. 25, 27, 31, 33...).

4. Зарур аст, ки ҳангоми омода кардани монография муқаррароти "Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ" (дар таҳрири нав) риоя карда шавад (с. 2-5, 10, 13-14, 20, 25, 28, 35, 37-38, 41, 43-44...)

Эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ба моҳияти илмии диссертатсия таъсир намерасонанд. Ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо арзиш ва аҳаммияти кори таҳқиқии Файзова Таҳмина Иззатуллоевнаро афзун хоҳад кард.

Диссертатсия дар асоси равишҳои муайяни илмӣ ва услуби мувофиқ таҳия шуда, қисматҳои кор бо риояи мантиқи ягонаи илмӣ, пайдарҳам таҳқиқ гардидаанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар мегиранд.

Коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, истифодаи амалии онҳо, нашри таълифоти илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Файзова Таҳмина Иззатуллоевна дар мавзуи «Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)» кори илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯст ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви вобастаи АМИТ, сарходими
илмии шуъбаи фарҳангнигорӣ ва
истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ **Султон Ҳасан Баротзода**
«22» августи соли 2024

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон, 16/13
E-mail: sulton_66@mail.ru
Тел: 93-526-98-05

Имзои Султон Ҳасан Баротзодаро тасдиқ мекунам:
нозири шуъбаи кадри Институти
забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ **Ҳ. Нарзиқулова**
«22» августи соли 2024

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
(+992) 37 227-29-07, 221-70-30